# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии дуюм ба диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии уисурҳои луғавии моварouниаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии иомзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ**

Ба таври муқоисавӣ-таърихӣ ва қиёсӣ омӯхтани лексикаи осори гузаштагон бо лаҳҷаҳои имрӯзаи тоҷикӣ аҳамияти калони илмиву амалӣ дорад, зеро ба ин восита агар, аз як тараф, робитаи таркиби лугавии чунин осор ошкор карда шавад, пас, аз ҷониби дигар, муҳофизи беҳамтои унсурҳои луғавии қадим ҳисоб ёфтани лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ муайян хоҳад гардид. Аз ин ҷиҳат мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович муҳим ба шумор рафта, он метавонад барои дар оянда кушода шудани муаммоҳои дар ин самти омӯзиш қарордошта ёрӣ расонад.

Рисолаи илмӣ аз мукаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат буда, мазмун ва муҳтавои пажуҳиш дар ҳаҷми 161 саҳифаи чопи манзур гардидааст.

Муаллиф дар муқаддима доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ, навгониҳои он, асосҳои назариявию методии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, сохтор ва ҳаҷми рисола маълумот додааст.

Диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат намуда, дар заминаи барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” анҷом дода шудааст.

Навгонии диссертатсияи Раҳимов А.И. дар он ифода меёбад, ки масъалаи робитаи лексикаи “Ғиёс-ул-лугот” ба таври муқоисавӣ-таърихӣ ва қиёсӣ бори нахуст ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Мавзуи таҳқиқот ва мазмуну муҳтавои он ба робитаи байни унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии “Ғиёс-ул-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ бо лаҳҷаи муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ бахшида шудааст. Тавре ки унвонҷӯ иттилоъ додааст, унсурҳои луғавии дар “Ғиёс-ул-луғот”-и Ромпурӣ зикрёфта дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ то ҳол ба таври комил мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Мавриди муқоиса қарор додани калимаву ибораҳои фарҳангномаи мазкур бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба шумор меравад. Ин аст, ки то имрӯз ба таври аниқ қарор нагирифтани масъалаи тарзҳои боқимонии калимаву ибораҳои яке аз фарҳангномаҳои муҳимми асри XIX бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ мақсаду вазифаҳои диссертатсияро муайян месозад.

Дар диссертатсия унсурҳои луғавии яке аз муътабартарин фарҳангномаҳои гузашта “Ғиёс-ул-луғот”- Ромпурӣ гирдоварӣ карда шуда, онҳо бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба риштаи муқоиса кашида шудаанд ва ба ин восита дараҷаи ҳифзгардии лексикаи луғатномаи мазкур бо гуфтори минтақаҳои ҷанубиву шимоли Тоҷикистон муайян карда шудааст. Муаллифи рисола роҳҳои гуногуни ба таҳаввулот дучор гардидани калимаҳои қадимро дар лаҳҷаҳои ҳозираи ҷанубиву шимолии тоҷикӣ нишон додааст.

Боби якуми рисола «Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ» ном дошта, аз се фаслу ду зерфасл иборат аст. Дар он мавридҳои истифодаи унсурҳои луғавии лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» мавриди барррасӣ қарор гирифтааст. Дар боби мазкур оид ба калимаҳои лаҳҷавӣ, ки дар ҳама давр дар баробари калимаву таркиб ва ибораҳои

забони адабӣ ҳамчун захираҳои луғавии зарурӣ истифода шудаанд, сухан рафтааст.

Дар фасли аввали боби якуми рисола, ки "Муҳаммад Ғиёсуддин ва мансубияти маҳаллии вожаҳо" ном дорад, андешаҳои Ромпурӣ дар мавриди ба кадом минтақаи Мовароуннаҳр, Хуросону Эрон тааллуқ доштани чунин воҳидҳои луғавӣ баррасӣ гардида, вижагиҳои истифодаи онҳо ба таври возеҳу равшан нишон дода шудааст. Аз баъзе шарҳҳои Ромпурӣ бармеояд, ки ӯ бо тарзи гуфтори мардуми минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳр ошноии хубе доштааст. Муаллифи рисола кӯшидааст, ки ҳангоми шарҳи калимаҳо маҳз ба ин сарзамин тааллуқ доштани вожаҳоро махсусан қайд намояд. Маълум мешавад, ки Ромпурӣ дар назди худ на танҳо шарҳ додани маънову сохти воҳидҳои луғавиро гузоштааст, балки кӯшиш намудааст, ки маънову мафҳуми вожаҳои маҳаллиро ба хонандаи фарҳангномааш возеҳу равшан гардонад.

Дар фасли дуюми рисола, ки "Мавридҳои истифодабарии вожаҳои лаҳҷавӣ дар "Ғиёс-ул-луғот" унвон дошта, ду зерфаслро дар бар мегирад, диссертант дар хусуси унсурҳои луғавие мулоҳизаронӣ кардааст, ки онҳо баробари ҳамчун калимаи эзоҳёбанда ба кор рафтанашон боз дар забони Ромпурӣ низ истифода гардидаанд, яъне ӯ дар як ҳолат ин ё он калимаро ҳамчун унсури луғавии номафҳум шарҳ медиҳад, дар мавриди дигар онҳоро худ дар ҷараёни баёни матлаб ба кор мебарад. Дар забони муаллифи луғатномаи мавриди таҳлил якчанд унсури луғавие ба кор рафтаанд, ки онҳо ҳоло дар забони адабии тоҷикӣ мавҷуд нестанд, чунин калимаҳоро танҳо мардуми минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон ба кор мебаранд.

Дар фасли сеюми боби якуми рисола, ки "Шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар"Ғиёс-ул-луғот" ном дорад, муаллиф дар қатори дигар воҳидҳои луғавии забон як қатор фразеологизмҳоро маънидод кардааст, ки онҳо низ мисли як ҳисса калимаҳои муқаррарӣ дар забони адабӣ дида намешаванд, аммо мардуми тоҷик онҳоро на танҳо истифода

мебаранд, балки баъзеяшон ҳамчун калимаҳои фаъоли лаҳҷавӣ дар аксар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ ба кор мераванд.

Боби дуюми рисола «Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» унвон дошта, аз се зерфасл иборат аст. Дар боби мазкур диссертант оид ба гурӯҳи калимаҳои қадими эрониасле суханронӣ намудааст, ки сарфи назар аз таъсири омилҳои гуногуни айниву зеҳнӣ бо ҳамон шакли пешина, ё бо дигаргуниҳои маъноӣ дар лаҳҷаҳои мавриди таҳлил боқӣ мондаанд. Ин гуна воҳидҳои луғавӣ ҳоло берун аз доираи забони адабии тоҷикӣ қарор дошта, дар забони мардуми маҳалҳои тоҷикнишин асолати пешинаи худро ҳифз намудаанд.

Муқоисаи маводи "Ғиёс-ул-луғот" бо лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ диссертантро ба чунин хулоса водор намудааст, ки гурӯҳи калони унсурҳои луғавӣ дар гузашта дорои маъноҳои зиёд буданд, вале дар давраи ҳозира танҳо як - ду маънои онҳо боқӣ мондааст, ё баръакс, баъзе калимаҳо дар гузашта танҳо як-ду маъно дошта, имрӯз ба маъноҳои бисёре соҳиб шудаанд.

Муаллифи рисола таваҷҷуҳи бештари худро ба чунин калимаҳо равона кардааст, ки дар тӯли чандин қарн қариб бе тағйири шаклу маъно то рӯзгори мо омада расидаанд.

Аз таҳлили ин боб маълум гашт, ки дар "Ғиёс-ул-луғот"-и Ромпурӣ дар қатори дигар маъноҳои унсурҳои луғавӣ онҳое низ шарҳу эзоҳ дода шудаанд, ки ҳоло дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ танҳо бо баъзе маъноҳояшон боқӣ мондаанд. Аз таҳлилу муқоиса диссертант ба хулосае омадааст, ки қисме аз ин гуна воҳидҳои луғавӣ агар дар гурӯҳе аз лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар шакли ба асл наздикашон мавриди истифода қарор дошта бошанд, пас дар лаҳҷаҳои дигар таҳти таъсири забонҳои дигар, монанди арабиву туркӣ ба шакли ношинохта маҳфуз мондаанд.

Унвонҷӯ аз муқоисаи калимаҳои эрониасли дар "Ғиёс-ул-луғот" зикршуда бо маводи лаҳҷаҳои ҳозираи ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба

чунин хулоса омадааст, ки як ҳиссаи онҳо дар луғатномаи мазкур танҳо дар як намуд истифода шуда, ҳоло дар забони мардуми минтақаҳои ҷанубу шимоли Тоҷикистон бо чандин шакл ба кор мераванд.

Боби сеюми диссертатсия «Муқоисаи вожаҳои иқтибосии Ғиёс-ул-луғот бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» ном дошта, фарогири чаҳор фаслу ду зерфасл мебошад. Диссертант дар заминаи маводи ҷамъовардааш ба забонҳои дигари эронӣ, мисли портӣ, суғдӣ ё забонҳои дигари ғарбӣ / шарқизабонӣ мансуб будани баъзе воҳидҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот» эзоҳёфтаро нишон дода, қайд менамояд, ки дар байни чунин иқтибосҳо миқдори бештарро калимаҳои арабӣ дар бар мегиранд.

Дар ин боб низ муаллифи рисола низоми таҳлили дар ду боби аввал пешгирифтаашро давом дода, ин гуна унсурҳои луғавии дар луғатномаи мавриди таҳлил зикршударо бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии тоҷикӣ муқоиса кардааст ва ошкор намудааст, ки як ҳиссаи онҳо имрӯз дар байни соҳибони чунин лаҳҷаҳо бе тағйири шаклу маъно боқӣ мондаанд, ҳиссаи дигарашон ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шудаанд. Унвонҷӯ дар асоси мисолҳои аз “Ғиёс-ул-луғот” гирдовардааш тавонистааст муайян кунад, ки калимаҳои забонҳои бегона, ба хусус арабӣ низ монанди вожаҳои эрониасл дар муддати истифодаи тулонияшон дар лаҳҷаҳои шимолӣ ба як намуд, аммо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба якчанд шакл ба кор меравранд.

Муаллифи рисола дар натиҷаи таҳлили лексикаи “Ғиёс-ул-луғот”-и Ромпурӣ ва қиёси он бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолӣ муайян кардааст, ки бархе калимаҳои куҳани туркӣ низ дар ин лаҳҷаҳо бо махсусиятҳои шакливу маъноии худ то имрӯз боқӣ мондаанд.

Дар 32 банди хулосаи диссертатсия унвонҷӯ нуктаҳои асосии таҳқиқоти хешро натиҷагирӣ намудааст.

Ҳамин тавр, унвонҷӯ ҳангоми таҳлил ва муқоисаи маводи “Ғиёс-ул-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ муносибати муаллифи

луғатномаро бо калимаҳои лаҳҷавӣ муайян кардааст, барои таъкиди маҳз ба лаҳҷаҳои мухталиф тааллуқ доштани гурӯҳе аз унсурҳои луғавӣ калимаву таркиб ва ибораҳои хоссаро ба кор бурдааст, аз ҷониби муаллифи луғатнома тарзҳои ишораи калимаву ибораҳои лаҳҷавиро ошкор кардааст, бо усулҳои мухталиф маҳфуз мондани гурӯҳе аз унсурҳои луғавии "Ғиёс-ул-луғот"-ро дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ муайян намудааст, дараҷаи ба тағйироти шакливу маъноӣ дучоршавии ҳиссае аз ин гуна калимаҳоро дар лаҳҷаҳои зикрёфта ба риштаи таҳлил кашида, сабабҳои онро ҷустуҷӯ кардааст, нақши ҳодисаҳои алоҳидаи овозиро монанди табдил, тахфиф, афзоиш бо зикри далелҳои мушаххас баррасӣ кардааст, дараҷаи боқимонии калимаҳои эрониаслу иқтибосии "Ғиёс-ул-луғот"-ро дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ нишон додааст.

Ба ин тариқ, унвонҷӯ Раҳимов А.И. барои навиштани чунин таҳқиқот маводи зиёдеро ҳам аз луғатномаи Ромпурӣ, ҳам аз лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосир гирдоварӣ кардааст, онҳоро ба ҳам муқоиса намуда, ба ин восита дараҷаи наздикии лексикаи "Ғиёс-ул-луғот"-ро бо лаҳҷаҳои зикршуда муайян намудааст, барои таълифи чунин рисола осори зарурии илмиро мавриди истифода қарор додааст.

Қобили тазаккур аст, ки сарфи назар аз дастовардҳои илмӣ дар саҳифаҳои рисолаи номзадии Раҳимов А.И. якчанд нуқсон роҳ ёфтаанд, ки зикри онҳо барои беҳбуди сифати кори илмӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Бо вуҷуди кӯшишҳои пайгирона муаллиф ҳангоми нишон додани мансубияти маҳаллии баъзе калимаҳо ба иштибоҳ роҳ дода, бархе аз вожаҳои умумихалқиро ҳамчун лаҳҷавӣ шарҳ додааст.
2. Дар ҳолатҳои алоҳида рақами адабиёте, ки дар иқтибоси дохили рисола оварда шудааст, дар феҳристи адабиёти истифодашуда дида намешавад (Мас., дар саҳифаҳои 41, 57, 118, 122, 125, 146).

3. Дар саҳифаи 101-ум адабиёти иқтибосшуда бо рақами феҳрасти осори таҳқиқӣ мувофиқат намекунад (дар матн
[ Хуҷанд-93, в.4, с.190; в.5, с.195]; дар феҳрасти осори таҳқиқӣ Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии [текст] / В.С. Расторгуева. М.; Изд-во АН СССР, 1952. Выпуск.1. 1952.-207с.; выпуск.2. 1952.-324.; выпуск 3. 191с.; выпуск.4. 1961.-223с.; выпуск.5. 1963. 250с.)
4. Хулосаи диссертатсия аз 32 банд иборат аст, Муаллиф метавонист баъзе бандҳоро муттаҳид сохта, ба ин восита миқдори бандҳои хулосаро камтар мекард.
5. Дар саҳифаҳои алоҳидаи диссертатсия (мас., саҳифаи 9-уми рисола) такрори айни як ибора мушоҳида мешавад.
6. Унвонҷӯ ҳангоми нишон додани мансубияти лаҳҷавии калимаҳо ба саҳифаҳои фарҳангномаҳои зиёди лаҳҷавӣ ишора кардааст. Ӯ метавонист, ки пас аз таҳлили баъзеи ин гуна унсурҳои луғавӣ ба чунин адабиёт ишора накунад.
7. Диссертатсия бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, вале дар саҳифаҳои алоҳида ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 5, 7,24, 26, 93 ,103), услубӣ ( дар саҳ. 24) ва техникӣ (дар саҳ.2) ба назар мерасад.

Камбудиву нуқсонҳои зикршуда аҳаммияти илмии рисоларо халалдор карда наметавонанд. Фишурдаи рисола бо мазмуни умумии рисола мутобиқат карда, он ва мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаву маҷмуаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР вуҷуддошта батабъррасонидаи муаллиф муҳтавои онро пурра ифода менамоянд.

Диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии моварouннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он, бечунучаро, сазовори дарёфти дараҷаи сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ мебошад.

**Муқарризи расмии дуюм:**
**номзади илми филолоғия, дотсенти**
**кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати**
**Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд** **Файзиева Сарварҷон Аҳмадовна**

**Тел.: 92-750-82-92**
**Почтаи электронӣ: sarvar.fayziyeva@mail.ru**

**Имзои номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Файзиева Сарварҷон Аҳмадовнаро тасдиқ менамоям.**

**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Маҳмудов Ш. У.**

**Сурога: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169**
**E-mail:info@iet.tj. Тел.: 6-03-21**